Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмоилова Муборакби Кенжаевна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табии таҳсилоти касбӣ (химия).**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш ба Парлумони кишвар аз 21 декабри соли 2021 чунин гуфтанд: «Бояд гуфт, ки дар соҳаи маориф ду проблемаи асосии ҳалталаб вуҷуд дорад. Якум, норасоии кадрҳои соҳибкасби омӯзгорӣ ва дуюм, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти кишвар. Мо заҳмати устодону омӯзгоронро ҳамеша баланд арзёбӣ мекунем ва ғамхориро дар ҳаққи онҳое, ки дар ин соҳа хизматҳои шоиста кардаанд, идома медиҳем. Лекин пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки онҳо низ барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш кунанд. Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем».

Дастуру супоришҳои сарвари муаззами мамлакат аз дастандаркорони соҳаи маориф, алалхусус, аз донишмандони макотиби олии самти педагогӣ баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисони болаёқатро тақозо намуда, бо натиҷаҳои ба дастомада маҳдуд нашудан, ба сифати таълиму тадрис бештар эътибор додан ва таъмини омӯзиш ва парвариши омӯзгорони ҷавобгӯи талаботи замони муосирро ба миён мегузорад.

*Дар муқаддима* зарурати мавзуи интихобшуда асонок карда шуда, мақсад, объект, предмет, фарзия ва вазифаҳои таҳқиқот муқарар гардида, навигариҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия, муқарароти асосии ба ҳимоя пешниҳодгашта, асоснок карда шудааст.

Дар инкишофи ҷомеаи умумибашарӣ накш ва мақоми илмҳои дақиқ, бахусус химия  назаррас мебошад. Илми химия манбаи таъмини фаровонии ашёҳои хоми истеҳсолию саноатӣ, аз ҷумла нафт, газ, маводҳои сӯзишворию

синтетикӣ, кашфу дарёфти боигариҳои зеризаминӣ, маъданҳо, ангишт, чашмаю рӯдҳои нафъовару табобатӣ-шифоҳӣ, ҳифз ва безараргардонии обу касалиҳои зироатҳои кишоварзӣ ва саноати фармакологӣ-дорутайёркунӣ ва ғайраҳо маҳсуб меёбад.

*Мақсади таҳқиқот* аз нуқтаи назари илмӣ таҳия ва мураттаб намудани санҷиш, таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои методии ташаккули шавқу завқ, донишандӯзӣ, маҳорату малака ва фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар ҷараёни таълими сикли фанҳои химия.

*Мавзӯи таҳқиқот* асосҳои илмӣ-методологии ташаккули шавқу завқ ва фаъолияти талимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия.

Таҳлили адабиёти зарурӣ, омӯзиши таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳқиқи касбии масъала имкон доданд, ки фарзияи зерини таҳқиқотро пешкаш намоем.

*Фарзияи таҳқиқот* ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ аз нигоҳи педагогӣ ва дидактикӣ яке аз самтҳои зина ба зина баландбардории сифат ва дараҷаи донишандӯзию азхудкунии маводҳои таълими химия, бо шарте амалӣ мегарданд, ки агар: барои ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни химия, дар заминаи асосҳои илмию назариявии модели таҳқиқот вобаста ба рушду нумуи фаъолияти ҷустуҷӯйю эҷодӣ, самтҳои корҳои мустақилонаю инфиродӣ, роҳу усулҳои истифодаи воситаҳои техникии таълим, ташкили мушоҳидаҳои амалӣ заминаи боэътимод гузоранд; муҷаҳҳаз будани кабинету озмоишгоҳҳои химиявӣ бо асбобҳою ашёҳои айёнӣ (мавод ё реактивҳои химиявӣ, ВТТ) ва ба донишҷӯён муҳайё намудани шароитҳои педагогию методии гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар раванди омӯзиши сикли фанҳои химия; шиносоӣ ва омодагии донишҷӯён ба меъёри истифодабарии ВТТ (технологияи коммуникатсионӣ-иттилоотӣ, мултимедӣ ва ғайраҳо) дар мавриди гузаронидани машғулиятҳои амалӣ дар ҷараёни омӯзиши банду қисматҳои химияи умумӣ; омодагии омӯзгорону донишҷӯён бо ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии раванди таълим оид ба истифодаи технологияи коммуникатсионӣ, иттилоотӣ ва чанрасонаӣ дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ тибқи талаботҳои раванди таълими анъанавӣ ва низоми таълимии кредитӣ; аҳамияти методологӣ ва илмӣ-амалии коркарди мавзуъ дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот бо назардошти усули муосири педагогӣ пурра асоснок карда шавад; модели таҷрибавӣ-таҳлилии таҳқиқот дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва озмоишӣ дар асоси якдигарфаҳмӣ ва ҳамкории байни омӯзгору донишҷӯ коркард карда шавад.

*Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.* Ҷамъоварии мавод, омӯзиш ва таҳлили адабиёти вобаста ба мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, нашри мақолаҳои илмӣ ва таҳияи диссертатсия дар тамоми давраҳои таҳқиқотӣ (солҳои 2017-2021) дар се марҳила иҷро гаридааст:

*Боби аввали диссертатсия* «Асосҳои назариявию методологии тайёр намудани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ дар раванди омӯзиши корҳои амалӣ, озмоишӣ-таҷрибавӣ дар дарсҳои химия» аз се зербанд ва хулоса иборат буда, дар он натиҷаи омӯзишу таҳлил ва тадқиқотҳои олимони бурунмарзӣ А.А. Светков, Н.Е Кузнецова, С.И Созонов, А.А. Гребецкий, В.Н. Лавров, Г.А. Подкоритов, Б.Г. Анаев, В.С. Полосин, А.М. Бутлеров, Д.И. Менделеев, Г.И. Руздвинг, Ю.К. Бабанский ашъори ниёгон-кимиёшиносон Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, Абӯали ибни Сино, Ҷобир ибни Хайёни Тусӣ ва олимону муҳаққиқони муосири тоҷик С.Г. Бандаев, У.З. Зубайдов, Р. Қиматов, С. Холназаров, Ғ. Бобизода, Л. Солиев мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

*Боби дуввуми диссертатсия* «Истифодаи самараноки методҳои таълим дар ҷараёни гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия – ҳамчун воситаи ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ» аз се зербанди аз ҷиҳати педагогӣ, дидактикӣ ва мантиқӣ пайдарпай иборат буда, дар он шарҳу баёни натиҷаҳои озмоишҳои (буришҳои) педагогӣ дар 3-марҳалаи таҳқиқот (2017-2018, 2019-2020 ва 2020-2021), дар гурӯҳҳои озмоишӣ (эксперименталӣ) ва санҷишии (назоратӣ) курсҳои 1, 2 ва 3-юми муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгории касбии вилояти Хатлон, аз ҷумла Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии Данғара (ДДБ) ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав (ДДБ) оварда шудаанд.

*Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот* натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот, истифодаи маҷмӯи методҳо, роҳу усулҳо, ки ба объект, мақсад, вазифаҳо, самтҳои илман асосноки модели (амсилаи) таҳқиқот мувофиқат менамоянд ва пайдарпайии мантиқи омӯзишу гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ бо истифода аз методҳои таълими анъанавӣ (анкетакунонӣ, тестҳои тахассусӣ, корҳои хаттию санҷишӣ, суҳбатҳои шифоҳӣ) ва методҳои муосир (истифодаи технологияи информатсионӣ-коммуникатсионию иттилоотӣ, мултимедӣ, компютер, ноутбук, тахтаҳои электронӣ, тасвири диаграммаҳо, ҷадвалҳо, нақшаҳо ва ғайраҳо) дар ҷараёни омӯзиши химия зимни гузаронидани озмоишҳои педагогӣ, ҷанбаҳои амалишавии онҳо дар заминаи фарзия ва ғояҳои пешбарандаи пажуҳиш ба нақша гирифта шуда, муқоисаи  натиҷаҳои омории таҳқиқотии ҳосил намуда, мушоҳидаҳои иловагии педагогии дар ҷараёни таълими фанҳои химия дар

тӯли марҳалаҳои таҳқиқоти педагогии дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ гузаронидашуда таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, кори илмии Исмоилова Муборакби Кенжаевна дар мавзӯи «Асосҳои илмӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён дар раванди машғулиятҳои амалӣ аз фанни химия» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08.02. – Назария ва методикаи фанҳои табии таҳсилоти касбӣ (химия), сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи
профессори кафедраи технологияи иттилоотӣ
ва методикаи таълими информатика
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Б.Ф. Файзализода

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67. Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав» факултети
Информатика. Тел: (+992) 988-22-00-33;
E-mail: faizalizoda.bakhrullo@mail.ru

Имзои Файзализода Б.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳои
ДДБ ба номи Н. Хусрав Ҷ.А. Шукурзод